**Тақризи**

роҳбари илмӣ, доктори илмҳои фалсафа, профессор Маҳмадҷонова Муҳиба Талатҷоновна ба диссертатсияи илмии аспиранти шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Абдуллоев Абдусалом Абосиевич дар мавзуи "Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ-Румӣ", аз рӯи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа

Дар илми фалсафаи муосир равияи нав бо номи арзишшиносӣ инкишоф ёфта истодааст, ки имконият медиҳад аксари масоили марбут ба антропологияи фалсафӣ, ахлоқ, зебоишиносӣ ва таърихи фалсафа бо тобиш ва сатҳу сифати нав шинохта шаванд. Ин равия ва роҳкор барои таҳлили генез, таҳаввули мафҳум ва арзишҳо имконият фароҳам оварда, онҳоро аз ҷиҳати муайян кардани хусусиятҳои ҷавҳариашон меомӯзад. Таҳлили аксиологии фалсафаи инсони Ҷалолуддин Балхии Румӣ масъалаи инсонро бо барҷаста кардани арзишҳои он муҳим мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боби муфассал, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, дар муқаддима муаллиф доир ба муҳиммияти мавзуъ, дараҷаи омӯхта шудани он дар таърихи фалсафаи тоҷик, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, масъалаҳои таҳқиқот, усули таҳқиқот, соҳаи таҳқиқот, марҳилаҳои таҳқиқот, пойгоҳи асосии иттилоо́тӣ ва озмоишии таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назарии таҳқиқот, аҳамияти амалии таҳқиқот, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсияро ба таври мухтасар баён намудааст.

Боби якуми диссертатсия "Таҳлили таърихӣ - фалсафии муҳити арзишии инсон дар афкори фалсафии тоҷик" ном дошта, муаллиф дар он ҷанбаҳои онтологии арзишҳои инсонӣ ҳамчун масъалаи фалсафӣ, заминаҳои ташаккули таълимот дар бораи арзишҳои инсонӣ дар

мактабҳои фалсафии Шарқи асримиёнагӣ, масъалаҳои арзишҳои инсонӣ дар афкори ахлоқии асримиёнагӣ ва ирфонро таҳлилу тасниф намудааст.

Боби дуюми диссертатсия “Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддини Балхии Румӣ” ном дошта, ба таҳқиқ ва баррасии хусусиятҳои арзишҳои онтологии таносуби қудсӣ (осмонӣ, худомеҳварӣ) ва заминӣ дар антропологияи Мавлоно, аксиологияи инсон ҳамчун субъект ва объекти маърифат дар таълимоти Мавлоно, инсон ҳамчун объекти этикӣ-эстетикӣ дар андешаҳои Мавлоно бахшида шуда, ин масъалаҳо мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Дар хулосаи кор муаллиф натиҷаҳои илмиву амалии диссертатсияро дар чанд банд ва ба таври фишурда ҷамъбаст намудааст.

Диссертант дар охири кор номгӯи адабиёти илмиву таҳқиқотии мавриди истифода қарорёфтаро дарҷ кардааст. Тартиби овардани маводи сарчашмаҳо ва манбаъҳои истифодашуда ба талаботи корҳои илмӣ ва диссертатсияҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

Масъалагузорӣ ва таҳқиқи мазкур навоварона буда, навгонии илмии рисола дар муайян намудани низоми арзишҳои ахлоқӣ-этикӣ ва эстетикӣ аз мавқеи аксиологӣ дар таълимоти Ҷалолуддини Румӣ доир ба инсон иборат аст. Бори аввал кӯшиши таҳлили аксиологие анҷом дода шудааст, ки доир ба моҳияти инсон ҳамчун олами кабир ва олами сағир, табиати иинсон, омилҳои сар задани афъоли муайян аз инсон, муборизаи шадиди ӯ бо нафси аммора аз мавқеи илми муосири таърихӣ-фалсафӣ муайян гардад. Ба таври комплексӣ арзишҳои этикӣ-эстетикии таълимоти Мавлоно - ҳамчун сарчашмаи ташаккули идеяи инсони комил чун эҷодгари сарнавишти хеш таҳлил мегардад.

Диссератант таъкид мекунад, ки рӯ овардани афкори фалсафӣ, этикӣ-эстетикии замони муосир ба мероси мутафаккирони Шарқ тақозои замон аст, зеро дар мероси маънавии онҳо малҳами инкишофи минбаъдаи инсоният нуҳуфта аст. Воқеан, дар афкори фалсафӣ, этикӣ-эстетикӣ,

иҷтимоии мутафаккирони Шарқ, ки аксаран онҷо ҷамъи идеяҳо, назарияҳо ва ақидаҳои динӣ, фалсафӣ ва ирфонӣ бо ҳам омадаанд, метавон ба мушкилот ва ситезаҷӯиҳои глобалӣ ҷавоб пайдо кард.

Диссертант афкори ирфонии Мавлоноро таҳқиқ карда хулоса мекунад, кияке аз мактабҳои бонуфузи ирратсионалии афкори этикӣ-эстетикӣ, ки равияҳои зиёди интеллектуалию амалиро муттаҳид месозад, тасаввуф мебошад. Тасаввуф зуҳуроти нодиру беназири асримиёнагӣ, мактаби махсуси иҷтимоию ахлоқии зоҳидон ва ҷоннисорон аст. Ҳарчанд, ки чанд садсолае, чи дар Шарқ ва чи дар Ғарб ба таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни тасаввуф машғул шуда бошанд ҳам, ҳоло ҳам мушкилот ва масъалаҳое мавҷуд аст, ки тавассути омӯзиши ҷиддии он метавон барои эҳёи арзишҳои гуманитарӣ ва тавзеҳи ратсионалии он лоиҳаҳои мутаносиб таҳия сохт.

Навоварии назариявӣ ва амалии рисола дар он аст, ки арзишҳо аз назари имрӯз ба арзишҳои моддиву маънавӣ ҷудо шуда, таҳлили фалсафии арзишҳои маънавӣ дидгоҳи ҷиддиро тақозо дорад, дар доираи мавқеи кунунӣ исбот мегардад, ки арзишҳои маънавӣ-тасаввуфии Мавлоно, ки аслан ба аҳкоми динӣ бунёд ёфтаанд, таъсири афкори дигарро дар худ дошта, балки ин арзишҳо ба як низоми мутаносибу мавзун таҳия шудаанд; арзишҳои мазкур метавонанд моҳияти инсонро тағйир дода, ӯро ба сӯйи дигаргунсозиҳои маънавӣ раҳнамоӣ намуда, ба ҳаёте роҳбаладӣ созанд, ки ба одамон хайру накӯӣ оварад; исбот гардидааст, ки идеяҳои Мавлоно ба афкори шумораи зёди мутафаккирони сатҳи ҷаҳонӣ таъсир расонида, ин мутафаккирон мавқеи возеҳу муассири муқобилат накардан ба зӯрию бадиро таъкид ва дар заминаи идеявии ҳамин мавқеъ пайдо шудани фаҳмиши зебоию нафосатро аз ҷониби Мавлоно, хосатан қайд кардаанд; таълимоти арзишии Мавлоно, ки ба фарҳанги миллӣ ва минтақавӣ дохил шуда, ба он таъвизу васл гардидааст; асоси ташаккули идеологияи сулҳпарварона, сулҳу мадоро, ҳамошёнию ҳамҷаворecho динӣ ва таҳаммулпазирӣ, муҳаббат ба маърифат ва камолоти маънавӣ гашта,

ин арзишҳо ба ҳайси бунёди нигаҳдошти хусусияту хислат, аслият ва ҳувияти миллии тоҷикон бaромад карда, омили пуразамати якҷояшавӣ ва интегратсия бо фарҳанги ҷаҳонӣ хоҳад буд.

Дар маҷмӯъ, метавон зикр намуд, ки диссертатсияи илмии таҳиякардаи Абдуллоев Абдусалом Абосиевич дар мавзуи "Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ-Румӣ" кори анҷомёфта буда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 таърихи фалсафа ҷавобгӯ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илми фалсафа,
профессор, сарходими илмии
шуъбаи таърихи фалсафаи
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови
Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон **М.Т. Маҳмадҷонова**

Имзои д. и. ф., профессор Маҳмадҷонова Муҳиба Талатҷоновнаро тасдиқ менамоям.
**Нозири кадрҳои** Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А.Баҳоваддинови Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон **Б.Абдураҳмонзода**